НАИМҶОН НАЗИРӢ

# ЧАШМАИ МУРОД

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н - 36

*Муҳаррир: Зиё Абдулло*

Н-36 **Назирӣ Н. Чашмаи мурод.** Маҷмӯаи шеърҳо.
– Душанбе, «Адиб», 2008, …саҳ.

Маҷмӯаи шеърҳои «Чашмаи мурод», ки ба муносибати 70-солагии зодрӯзи шоир Наимҷон Назирӣ ба табъ мерасад, нигоштаҳои солҳои охири ӯро дар бар мегирад. Дар онҳо хандаи баҳор, нағмаи мурғакони беқарор, оҳанги шӯхи ҷӯйбор, насими форами кӯҳсор, висоли ёр, меҳри диёр, сулҳи пойдор ва аллаи модари шабзиндадор тараннум гардидааст.

Ҳаҷвиёти шоир ҳам соддаю равон ва самимӣ буда, дар онҳо хушомадхӯҷаю дурӯяҳо, муфтхӯру мансабпарастҳо, бадрашку оилабезорҳо, бевиҷдону қаллобҳо барин нафарони нопоки ҷомеа ба зери тозиёнаи танқид гирифта шудаанд.

ISBN 978-99947-57-74-9

© Наимҷон Назирӣ, 2008

# САБЗАИ ХАЁЛ

## БА ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, дар бари ту чашми худ бикшодаам,
Ҳозиру ояндаи худро ба дастат додам,
Ҳарчи фармоне диҳӣ бо ҷону дил омодаам,
Ҷони ман қурбони ту!

Чун арӯси нозанин фасли баҳорат дилнишин,
Қуллаҳои сарбаландо кӯҳсорат дилнишин,
Обҳои нуқравори чашмасорат дилнишин,
Ҷони ман қурбони ту!

Аз насими анбарафшони ту мегирам нафас,
Чашм медӯзам ба дашту ёлаҳоят бо ҳавас,
Медиҳад умри дубора обу хоки ту ба кас,
Ҷони ман қурбони ту!

Меваҳои ту ба лаззат ангубиносо бувад,
Себу ангуру анорат дилкашу зебо бувад,
Ишқи духтарҳои таннозат ба дилҳо ҷо бувад,
Ҷони ман қурбони ту!

Саҷда месозам чу фарзандат ба обу хоки ту,
Бар зану марди ба меҳнат зӯру нусратноки ту,
Бар ҷавонони ғаюру дар садоқат поки ту,
Ҷони ман қурбони ту!

Зинда бошу шод бошу доимо гулпӯш бош!
Пеш рав, нашъунамо бинмо, баҳорогӯш бош!
Ту ба неши душмани ғаддор ҳамчун нӯш бош!
Ҷони ман қурбони ту!

## СУЛҲ ДАР ДУНЁ ФАҚАТ ПОЯНДА БОД

Ман намехоҳам, зи мили тӯбҳо,
Шаҳрҳову деҳаҳо вайрон шавад.
Сокинонаш дида ранҷи беҳисоб,
Кадхудоҳояш ҳама қурбон шавад.

Ман намехоҳам, ки тифли бегуноҳ,
Боз монад дар таги борони тир.
Аз ғаму аз ғуссаи беинтиҳо,
Пеш аз муддат шавад якбора пир.

Ман намехоҳам, ки дар ҳар хонадон,
Қалбҳо бошад чу доғи лолае.
Побараҳна, нимгушна одамон,
Бо дили садреш андар нолае…

Аз чӣ аммо ҷангҷӯи зарпараст,
Менамояд ҳиллаи нав ихтироъ?!
Чун саги девонаи гардида маст,
Мезанад аккосу месозад дағо?

Асри моён асри фатҳи коинот,
Ин барои ҳозиру оянда бод!
Зиндагӣ то ин ки бошад пурнишот,
Сулҳ дар дунё фақат поянда бод!

# СИПОСНОМАИ ИСТАРАВШАН

Истаравшан, дар дилу дар дидаи ман ҷои̣ ту,
Чун биҳишти нозанин гулгашту саҳроҳои ту.
Меваҳоят мебарад аз ангубин доим гарав,
Нӯш месозам ман аз оби зулоли сои ту.

Осмонат беғубор асту ҳавоят анбарин,
Дашту саҳроят гулафшону заминат махмалин.
Духтарони шӯху таннозат ба дидан дил баранд,
Навҷавононат саодатманду дар меҳнат қарин.

Аз ҳунармандони гулдастат агар лаб во кунам,
Бо сари боло ҳамеша фахр дар дунё кунам.
Шаҳд резад аз лабони ман зи шеъри Ҷавҳарӣ,
Меҳри Шайдою Адоятро ба қалбам ҷо кунам.

Дар бари ту чашми худ во карда гардидам калон,
Ман ба сӯи қуллаи мақсуди худ гаштам равон.
То ки гардад шӯҳрату шони ту аз ин ҳам зиёд,
Аз дилу ҷон мекунам меҳнат чу фарзанди замон.

Кӯҳи Муғатро зиёрат карда ҳоҷӣ мешавам,

Бар замини ту ибодат карда ҳоҷӣ мешавам.
Васф месозам туро чун шоири шӯридадил,
Дар бари ту истироҳат карда ҳоҷӣ мешавам.

# НАВБАҲОРИ БЕХАЗОН ОЯД ҲАМЕ

*(Дар пайравии устод Рӯдакӣ)*

Навбаҳори бехазон ояд ҳаме,
Кӯҳу саҳро гулфишон ояд ҳаме.

Сабза зад нешу табиат нозанин,
Офтоби зарфишон ояд ҳаме.

Чаҳ-чаҳи булбул, навои чангу тор,
Лаҳни ширину равон ояд ҳаме.

Ҳофизи хушхон сурудаш ҷӯр кард,
Хандаи гулдухтарон ояд ҳаме.

Оби ҳамчун нуқраи софу зулол,
Сӯи дашти бекарон ояд ҳаме.

Марди деҳқон баҳри кишту дона шуд,
Васфи ӯ вирди забон ояд ҳаме.

Неъмати алвон зи файзи мақдамаш,
Армуғони хонадон ояд ҳаме.

Пиру барно хурраму болидарӯҳ,
Чун Назирӣ шодмон ояд ҳаме.

# ЧИНОРИ ЗАХМИН

*Дар Қалъаи Бресги Қаҳрамон чанореро дидам, ки аз тири душмани манҳус захмин гардида буд.*

Як чанори калони боҳашамат,
Дар бари чашма рост меистод.
Эмин аз барфу боду бӯрон буд,
Раҳгузарҳо зи сояи он шод.

Лек тири адуи качандеш
Кард ӯро ба ногаҳе сӯрох.
Танааш хушку баргҳояш рехт,
Монд дар бутта як-ду-се тар шох.

Чашма рӯзу шаб ашк мерезад,
Дар ғами он чанори бечора.
Дида ӯро шудам манаш ғамгин,
Шуд дили ман зи ғуссаҳо пора.

# БАҲОРИЯ

Шуд баҳору хешро бар ҷониби саҳро кашам,
Дар канори чашмасору домани гулҳо кашам.

Маст гардам аз ҷамоли оламорои нигор,
Фориғ аз ғам оҳи сӯзон аз дили шайдо кашам.

Ҳалқа созам дасти худ бар турраи мушкини ӯ,
Бо ҳавас бӯи хуше аз анбари соро кашам.

Қиссае хонам зи ишқи поки ҳиндудухтарон,
Ҳазлу шӯхӣ карда бо ӯ соғари саҳбо кашам.

Ӯ зи чашми шӯхшангаш оташе бар дил занад,
Ман азоби ишқро аз наргиси шаҳло кашам.

Хандаи мастонааш манро асири худ кунад,
Лаззате аз сӯҳбати лаъли шакархоро кашам.

Баски ҳастам ман Назирӣ ошиқи шайдои гул,
Ранҷу озоре, ки дорам аз гули раъно кашам.

## БА ДУШАНБЕ

Эй Душанбе, ифтихори тоҷикон,
Гулшани доимбаҳори тоҷикон,

Тоҷи нусрат бар сарат зебанда бод,
Офтоби бахти ту дар ханда бод.

Дар миёни кӯҳҳо ҳастӣ нигин,
Обу хокат дилрабову дилнишин.

Чун биҳишти рӯи дунё гаштаӣ,
Дар дилу дар дидаам ҷо гаштаӣ.

Ту Бухорову Самарқанди манӣ,
Манбаи андарзи ман, панди манӣ.

Парваридиям маро чун навниҳол,
Дар барат ман ёфтам авҷу камол.

Саҷда месозам ба обу хоки ту,
Бар ҷавону пири нусратноки ту.

Боз ҳамояндаат фирӯз бод,
Ҳар шабу рӯзи ту чун Наврӯз бод!

# САМАРҚАНД

«Самарқанд сайқали рӯи замин аст»,
Ҳавояш фораму хокаш маҳин аст.

Самояш тоза асту роҳати ҷон,
Насимаш беғубору анбарин аст.

Аз ин рӯ меваҳои шаккаринаш,
Ба таъму мазза беҳ аз ангубин аст.

Миёни қасрҳои сар ба гардун,
Ки «Шоҳи зинда» монанди нигин аст.

Улуғбек бо шукӯҳу бо шаҳомат,
Қашангу дилрабову нозанин аст.

Бафарҳангу ҳунар фарзандҳояш,
Садоқатпешаю болонишин аст.

Хазонеро баҳори ӯ набинад,
Чу хуршеди ҷаҳон меҳрофарин аст.

# ГУЛРӮИ САМАРҚАНД

Омад бари ман ёри парирӯи Самарқанд,
Аз боғи латофат гули хушрӯи Самарқанд.

Нахли қади ӯ дилкашу дилҷӯю қашанг аст,
Монандаи гулбеди лаби ҷӯи Самарқанд.

Хандида бигуфтам, ки дили ман ба фидоят,
Бо ишва бигуфто, ки биё сӯи Самарқанд.

Гуфтам, ки ту ошиқкушӣ омӯхтӣ аз кай?
Гуфт ин ҳунари духтари дилҷӯи Самарқанд.

Оташ ба дили шоири шӯрида назирӣ,
Афкандию рафтӣ, гули худрӯи Самарқанд.

# ВО ДИЛАМ

Ман шудам ошиқ ба зулфи тобдорат, во дилам,

Бар рухи зебову сурхи чун анорат, во дилам.
Сӯхтам дар оташи ишқат ба мисли чӯби тар,

Гашта побанди ду чашми пурхуморат, во дилам.

Кош лутфе созию меҳмон шавӣ дар хонаам,
То шавам хуррам зи ҳарфи шаҳдборат, во дилам.

Ман зи ишқат, ҷони ширинам, шудам обу адо,
Орзуям ин ки бошам дар канорат, во дилам.

Баъди маргам марқадамро гар ту бинмоӣ тавоф,
Зинда мегардам зи бӯи гулхуморат, во дилам.

## ЧАШМИ ТУ

Ба чашмат он қадар сеҳр аст ҷонам,
Ки кас аз дидани он мешавад мот.

Магар ин шӯълаи меҳраст ҷонам,
Ва ё ки оташи ҳусни худодод.

Ту гӯӣ аз дили дилдори тоҷик,
Ҳамеафтад ба дил барқу шарора.

Гаҳе ҷон мебарад он ёри тоҷик,
Гаҳе мебахшадам умри дубора.

# ХАНДОНДА МЕМИРЕМ МО

Як-ду рӯзе даври худро ронда мемирем мо,
Нахли Ваҳдатро ба дил биншонда мемирем мо.

Гарм карда базми ёронро ба мисли косагул,
Ҳазлу шӯхие ба лаб хандонда мемирем мо.

Баски моён ворисй арзандаи ҳафтахтарон,
Шеърашонро рӯзу шабҳо хонда мемирем мо.

Мо, Назирӣ, некфарзанди замону халқи хеш,
Дафтару девони худро монда мемирем мо.

## БА ҚАЛБАМ ОТАШ АФТОД

Туро дидам ба қалбам оташ афтод,
Тамоми ихтиёрам рафт аз даст.
Ду чашми шӯхшангат ақли ман бурд,
Ба бӯи зулфи печонат шудам маст.

Чи мешуд, ки зи рӯи лутфу эҳсон,
Ту гаҳ-гоҳе шавӣ меҳмони шоир.
Ки то бахшӣ ба ӯ илҳоми нав-нав,
Мукаммал то шавад девони шоир.

## МУЖДАИ ФАСЛИ БАҲОР

Мужда аз фасли баҳорон мерасад,
Аз насими кӯҳсорон мерасад.

Мушки соро бар машоми марду зан,
Бо навои обшорон мерасад.

Гар касе дарёдилу дарёназар,
Қатраҳояш то биёбон мерасад.

Сабзу хуррам гашта дашту ёлаҳо,
Савсану ҳулбӯю райҳон мерасад.

Сӯи саҳро баста маҳкамтар миён,
Баҳри кишти тоза деҳқон мерасад.

# НАХЛИ ПУРБОР

Ба оина назар бинуда, ҷонам,
Ҷавониро биовардӣ ту бар ёд.
Ғамин гардида, бинмудӣ сарат хам,
Шудӣ дилтанг, к-умрат рафта барбод.

Ба рӯ ожангҳо бурданд панҷа
Ду чашми шӯълапошат гашт камнур,
Қади монанди шамшодат шуда хам,
Бишуд мӯи сарат чун шамъи кофур.

Макун парво агарчӣ гаштаӣ пир,
Ту бингвр, ишқи мо доим ҷавон аст.
Ва ҳар фарзанди мо чун нахли пурбор,
Ба болои сари мо соябон аст.

Машав ғамгину бо фахри зиёда,
Гиреҳи ғуссаи дилро ту во кун.
Ки то сулҳу сафо бошад ҳамеша,
Паи подории ваҳдат дуо кун!

# МУШКУ АНБАР МЕЧАКАД

Аз сари зулфи сиёҳат мушку анбар мечакад,
Аз даҳони ғунчаи ту дурру гавҳар мечакад.

Қомати ту ин қадар зебову хубу дилрабо,
Дар хаёли ман ба гулбоғе санавбар мечакад.

Ҳарду абрӯят камону чашмат олуи сиёҳ,
Аз сару рӯи қашангат лолаи тар мечакад.

Хандаи мастонаи ту мебарад дилро зи каф,
Аз ду чашми шӯълапошат мавҷи ахтар мечакад.

## ҒАМ МАХӮР

*Барои Р.С.*

Мевазад рӯзе насими навбаҳорон ғам махӯр,
Нӯш месозӣ зи оби чашмасорон ғам махӯр.

Киштаат бошад агар андар канори кӯҳсор,
Сабзу хуррам мешавад аз оби борон ғам махӯр.

Гар хазон гардад ба ногаҳ ғунчаи гулзори ту,
Мерасад бар ҷои ӯ ревоҷу торон ғам махӯр.

Душманони ту заифу дӯстони ту зариф,
Бештар дорӣ муҳибу дӯстдорон ғам махӯр.

Бин, аҷаб фарзандҳо, ки посбони кишваранд,
Мужда меояд барои интизорон ғам махӯр.

Ин Назирии ба шеъру шоирӣ дилдодаро,
Кас набитвонад кушад бо шеърборон ғам махӯр.

## ДИЛУ ҶОНАМ ШАВАД ҚУРБОН

Ба рухсори анори ту,
Ба зулфи тобдори ту,
Ба ду абрӯи пайваста,
Ба чашмони хумори ту
Дилу ҷонам шавад қурбон.

Ту моҳи нозанин астӣ,
Ту хуршеди замин астӣ.
Ба ҳусни оламороят,
Ба ҷону дил қарин астӣ.
Дилу ҷонам шавад қурбон.

Назирӣ ошиқи зорат,
Бо ҷону дил харидорат.
Бубин чун тӯҳфае бар ту
Дилашро рӯи каф дорад,
Дилу ҷонам шавад қурбон.

## РАШКИ ЁР

Дӯстон, хуршеди бахтам тира шуд,
Пеши чашмонам тамоман хира шуд.

Ёри ман ранҷид аз ман бесабаб,
Мекунад наззора сӯям бо ғазаб.

Вай намедонад, ки ман дилдори ӯ,
Бо дилу ҷон гаштаам ғамхори ӯ.

Ҷон агар хоҳад ба ӯ ҷон медиҳам,
Ҷони худро шоду хандон медиҳам.

Меравам бо амри ӯ дар ҳар куҷо,
То ба аҳди хеш бинмоям вафо…

Лек манро ӯ чаро бо духтарон,
Дида монад мекунад ҷанги калон.

Мижааш найза, ҷабин чин мешавад,
Дар асаб печида ғамгин мешавад.

Лек ман ғамгин нагашта дӯстон,
Мешавам аз ин ниҳоят шодмон.

Чунки рашки ӯ асоси меҳри пок,
Нест аз рашкаш маро з-ин рӯй бок!

## ДИДОРИ ДИЛКАШАТ

Ҷонам асири қомату рафтори дилкашат,
Қалбам фидои лаъли шакарбори дилкашат.

Ҳар гаҳ зи ишқу ошиқӣ ҳарфе ба лаб барӣ,
Нерӯ ба ҷисми ман диҳад гуфтори дилкашат.

Дар гарданам чу ҳалқа бувад кокулони ту,
Ҳам турраи сиёҳи чу шаб тори дилкашат.

То зинда аст васфи ту гӯяд Назириат,
Бо шавқи беш рӯзу шаб ашъори дилкашат.

# ДӮСТ МЕДОРАМ ТУРО

*Барои Р.С.*

Пир гардидию дармонат намонд,
Шӯълаи чашмони фаттонат намонд,
Накҳати зулфи парешонат намонд,
Дӯст медорам туро.

Шуд насими тирамоҳи ту вазон,
Навбаҳоратро куҷо бурда хазон,
Кардӣ қарзатро адо назди замон,
Дӯст медорам туро.

Баҳри фарзандони ман модар шудӣ,
Нахли умрамро ту боровар шудӣ.
Аз бароям мушфиқу ёвар шудӣ,
Дӯст медорам туро.

Шеърҳоят оташи пуртоб буд,
Ҳарду рухсорат гули маҳтоб буд,
Лаъли ҷонбахшат ақиқи ноб буд,
Дӯст медорам туро.

Ҷонакам, ту бахти ман, иқболи ман,
Дар фазои зиндагӣ шаҳболи ман,
Бо ту зебо аст моҳу соли ман,
Дӯст медорам туро.

# ВАСФИ ИСТАРАВШАН

Каъбаю Макку Мадинам Истаравшан гуфтаам,
Меҳри покаш дар дилу дар дидаи ман гуфтаам.

Саҷда месозам ба хоки поки ӯ боэҳтиром,
Хори ӯро беҳтар аз садбаргу савсан гуфтаам.

Навҷавононаш шуҷоатманду бебоку далер,
Ҳар яке дар қуввату қудрат Таҳамтан гуфтаам.

Меваҳои ӯ ба ҷони хаста мебошад даво,
Чашмаҳои нуқраворaш оби нарзан гуфтаам.

Аз насими анбарафшонаш кашад ҳар кас нафас,
Ёбадаш умри дубора қувва бар тан гуфтаам.

Чашми худ во кардам баски Назирӣ дар бараш,
Каъбаю Макку Мадина Истаравшан гуфтаам.

## ЗИ ХАЛҚИ ХЕШ ҚАРЗДОРӢ

Ҷафо созад агар ёрат,
Диҳад беҳуда озорат,

Дили бечораи танҳо,
Макун парво, макун парво.

Худатро ту нигаҳбон шав,
Ба дарди хеш дармон шав,

Ба ҷамъият ту даркорӣ,
Ба халқи худ ҳаводорӣ,

Миёнро баҳри хизмат банд,
Табассум кун, чу гулҳо ханд,

Ки умри одамӣ бод аст,
Ғанимат лаҳзаи шод аст.

х х х

Аҷаб не ки маро кардӣ фаромӯш,
Намесозад дилат аз ишқи ман ҷӯш.
Нагашта интизори роҳи ман ту,
Шароби бевафоӣ кардаӣ нӯш.

Вале, аз чӣ, шамоле кӯбадам дар,
Хаёлам чун кабӯтар мезанад пар.
Ки гӯӣ омадӣ ту бар суроғам,
Шабамро мекунӣ моҳи мунаввар.

## ҶОМИ ВИСОЛ

Намедонам, ки кай бинам рухи ҷононаи худро,
Мунаввар аз ҷамоли ӯ намоям хонаи худро.

Ҷигар ғилбор гашту чашмҳоям косаи пурхун,
Кай аз ҷоми висолат пур кунам паймонаи худро.

Кушояд ғунчаи лабро барои ҳарфи хуш боре,
Гулободе шуморам ин дили вайронаи худро.

Хами зулфони мушкинро шикасту дил шикасте хӯрд,
Чи сон боде кунам ман хирмани бедонаи худро.

Итобу ишваю нозу адо доим насиби ман,
Вале лутфу карам ӯ мекунад бегонаи худро.

Ҷаҳон фонӣ, ба қадри ошиқи шайдо бирас боре,
Биё, хуррам намо ин шоири мастонаи худро.

## ШЕЪРИ МАН

Шеъри ман, умри ҷавонам, мавҷ зан,
Кай ба мисли чашмасорон мешавӣ?
Нестӣ чун буздили шӯҳратпараст,
Пас чаро аз халқ пинҳон мешавӣ?

Халқ бар ту болу пар бахшидааст,
Ҳамнафас шав, ҳамқадам шав, ҳамсафар.
Рафта назди Зӯҳраи соҳибҷамол,
Хон суруди тоза аз фатҳу зафар!

## ҲАҚИҚАТ ЧУН ШАРОРА

Надорад даступо ҳаргиз ҳақиқат,
Валекин, роҳро тай менамояд.
Ба мисли кӯҳнавардони қавидил,
Ба тори кӯҳсорон мебарояд.

Надорад рангу бӯ ҳаргиз ҳақиқат,
Ҳавои тозаро ӯ мекунад дарк.
Вуҷуди нокасу ноаҳлу дунро,
Намесозад писанду мекунад тарк.
,
Ки бошад доим аз виҷдон канора.
Ҳақиқат роҳи хушбинони худро,
Ҳамесозад мунаввар чун ситора.

## МУЖДА

Аз дилу ҷон боғбон хуррам шавад,
Гар ниҳолаш гул кунад, бор оварад.
Чида аз он меваҳои ранг-ранг,
Баҳри ёронаш ба хирвор оварад.

Шеъраки чун ғунчаи нашкуфтаро
Ман ба назди дӯстонам мебарам.
Гарчи набват шеър ҳам, амри дил аст,
Мужда аз табъи равонам мебарам.

## ЧАШМИ ҲАҚИҚАТБИН

Хандаи лаъли лабат ширин аст,
Чашми шӯхи ту ҳақиқатбин аст.

Аз фироқи ту ҷигар ғарқаи хун,
Дили бешафқати ту сангин аст.

Хотирам гашта мунаввар шабу рӯз,
Ёди васли ту ба ман таскин аст.

Ба яке лутф намо хурсандам,
Дили бечораи ман ғамгин аст.

Ҳарчи хоҳӣ ту бифармой, нигор,
Дафтари умр аҷаб рангин аст.

## ХАНДАИ ДАНДОННАМО

Хандаи дандоннамоят дилнишин,
Шеваю нозу адоят дилнишин.

Рӯ шафақрангасту мӯят тирашаб,
Ҷилваҳои дилрабоят дилнишин.

Дил зи ҳиҷрон лолаосо доғ шуд,
Сурмаи чашми сиёҳат дилнишин.

Пойбанди зулфи печонат шудам,
Рӯй бар дардам, давоят дилнишин.

## НАВОИ ОБШОР

Боз омад бар диёри файзбори мо баҳор,
Мерасад аз ҳар тараф савту навои обшор.
Булбули шӯрида мехонад ғазал аз шохсор,
Анбарафшон мевазад форам насими кӯҳсор.

Боз акси маҳ ба рӯи об бозӣ мекунад,
Ошиқ аз васли нигораш сарфарозӣ мекунад.
Бо дили лабрези шодӣ дилнавозӣ мекунад,
Марди деҳқон сӯи саҳро чашми розе мекунад.

# ПУШТУ ПАНОҲИ МАН

Ба чашмам тӯтиё бинмуда хоки кишвари худро,
Ба сангаш ҳамчу болин доимо монам сари худро.

Бувад ӯ модари яктои ман, пушту паноҳи ман,
Куҷо бинӣ моиндар ту меҳри модари худро.

Ба ман болу паре доду ба ман тобу тавонбахшид,
Расо кардам паи парвозҳо болу пари худро.

Бидидам нозанинони ҷаҳонро дил надодам бой,
Чу ҷони хеш медонам ҳамеша дилбари худро.

Ниҳоли бахти мо то эмин аз фасли хазон бошад,
Ҳамеша менамоям ҳадя меҳри анвари худро.

Ба ҳалқи душманони хеш ҳамчун устухон ҳастам,
Намебандам ба рӯи дӯстон ҳаргиз дари худро.

х х х

Духтаре, ки дӯсташ медоштӣ,
Мурғи меҳраш дар дилат зад ошён.
Нозу нузашро ту мебардоштӣ,
Мепарастидӣ варо монанди ҷон.

Дӣ шунидам ин ки аҳди худ шикаст,
Хирмани андешаатро дода бод.
Рафту бар як булҳавас дилро бубаст,
Ӯ гулашро бар кафи хоре ниҳод.

Ғам махӯр аз ин, ба ҷое дам мазан,
Гарчи рӯ гардонд аз ту булҳавас.
Рӯй гардонад агар халқу Ватан,
Зиндагӣ манмо ту он гаҳ як нафас.

Зиндагӣ бе халқ кори мушкил аст,
Бе Ватан беранг шамъи маҳфил аст.

# АЙБИ ИЛҲОМ

Муайян вақти вохӯрдан, ниҳоят
Бишуд, дар назди кино соати даҳ.
Навиштам шеъри нав ман аз бароят,
Тамоми шаб накарда мижаро таҳ.

Барам то ки пагоҳӣ дастовез,
Ба ту ман шеъри худро, эй гуландом.
Валекин дер кардастам, ки рафтӣ,
Азизам, айби ман не, айби илҳом!

## ҲАРФИ ҲАҚ ГӮЙ

Ту аз ранҷу азоби рӯзгорон,
Марез ашки алам чун резаборон.
Ки поёни шаби ялдо сафед аст,
Зимистон аз пасаш дорад баҳорон.

Ду-се нокас агар чаҳ дар раҳат канд,
Ва ё пои туро буздил намуд банд.
Макун парвою доим ҳарфи ҳақ гӯй,
Ба рағми душманонат карда лабханд.

# ИФТИХОРИ МАН ТУӢ

Тоҷикистони азизам, ифтихори ман туӣ,
Хуррамибахши дили уммедвори ман туӣ
Қуввати дил, ҳуши сар, бар тан мадори ман туӣ,
Ҳастии ман, бахти ман, боғу баҳори ман туӣ.

Фахр месозам, ки дар оғӯши гармат рустаам,
Ҳозиру ояндаи худро ба ту пайвастаам.
Модари мушфиқ туӣ, меҳру муҳаббат бастаам,
Бӯстони хуррамию ман дар он гулдастаам.

Ҳар тараф созам назар, кунҷу канорат дилкаш аст,
Ҷӯшиши фавворaҳои чашмасорат дилкаш аст.
Қоҳ-қоҳи кабкҳои кӯҳсорат дилкаш аст,
Пеш рав, бинмо нумӯ, авҷу барорат дилкаш аст.

Сарбаландона ҳамеша ман ба фармони туам,
Касби дониш мекунам андар дабистони туам.
Доимо бо ҷону дил мадҳу санохони туам,
Шоири дилдодаам, шодам, ки ман они туам.

## ДИЛИ МАН ДАР КАФАТ

Сафар гуфтӣ ба хайр, эй ҷони ширин,
Шавам ман то ба кайҳо интизорат?!
Раҳи ман он қадар тӯлоние не,
Шавам қурбони чашмони хуморат.

Чӣ фарқе дорад охир дар кучҷоям,
Дили ман дар кафат-ку, дилрабоям?!

# ҶАҲОНИ МАН

Туро меҳмони нав бодо муборак гуфтию ногоҳ
Фишурдӣ дасти манро ҷӯраҷон, аз ин басе шодам.
Валекин фикр кардам, ки чаро меҳмони нав гуфтӣ,
Қариб ин ки инони ихтиёрамро зи каф додам.

Барои ман чаро меҳмони нав ин тифлаки навзод,
На меҳмон, балки ин бехи ҳаёти ман, ҷаҳони ман.
Ба ӯ ман ном мемонам зи хурсандӣ кунун Бунёд,
Ки ӯ ояндаи ман, бахту умри ҷовидони ман!

# ДИЛ

Дили одам ба гардиш ҳамчу соат,
Валекин фарқ дорад.
Агар соат шавад вайрон, усто
Ба гардиш медарорад.
Дили одам, вале гар монад аз кор,
Ба зинҳор,
Ягон усто натонад кораш овард.
Ягон бор.

## СОЛИ ЗАФАРҲО

Биё, эй соли нав, соли зафарҳо,
Ту эмин дор моро аз хатарҳо.

Саодат одамонро ёр гардад,
Ҳамеша амният подор гардад.

Набинад ашки ғам чашмони модар,
Нагиряд дар ғами додар бародар.

Зи ҳиҷрону мусибат дур бошад,
Ҳамеша хуррам у масрур бошад.

Зи иқболи баландаш ҳарф гӯяд,
Гулу гулдастаҳои тоза бӯяд.

Зи дунё фитнаҷӯро карда нобуд,
Занад табли саодатманди лобуд.

Бинои ҷангҷӯён, нобакорон,
Фано гардад, шавад бар хок яксон.

Ливои амният гардад парафшон,
Замину осмон гардад гулафшон.

Сафо ояд, вафо ояд ба мардум,

Шавад ному нишони нохалаф гум.

Шавад ташрифи ту бар дард дармон,
Шавад чун ҳавлии ҳамсоя кайҳон.

Шавад аз нозу неъмат хона пурнур,
Ҳамеша одамон бошанд масрур.

Ба илми нав ба нав дарвоза созем,
Ҳақиқатро ба даҳр овоза созем.

Шавад анбори мо аз ғалла лабрез,
Шавад дашту даман гулпӯшу гулбез.

Ҳусули дасти мо гардад зиёда,
Шавад бар дӯстон дарҳо кушода,

Зафар пушти зафар ояд ҳамеша,
Биафтад нахли маккорон зи реша.

Биё, эй соли нав, соли зафарҳо,
Ту эмин дор моро аз хатарҳо!

# РАСМИЯ ОДЕ

*Зиндагии пурчӯшу хурӯши қаҳрамондухтари фаластинӣ Расмия Оде шоистаи достон аст.*

*(Аз рӯзнома)*

(Ба вазни ҳиҷоӣ)

Расмия Оде,
Фаластиндухтар.
Қомат чун ниҳол,
Чашмон чун ахтар.

Дандон ба дандон,
Монда аз ғазаб.
Мӯҳри хомӯшӣ,
Задааст бар лаб.

Гарчи ҷавон аст,
Чун зани солор,
Бо ғаму ғусса,
Гардидааст ёр.

Кишвари ӯро,
Чунки ғосибон,
Ғорат намуда,
Кардаанд вайрон.

Падару модар,
Ҳам хоҳарашро,
Додари ба ҷон,
Баробарашро,

Кардаанд зиндон,
Душманони дун.
Аз ғаму ғусса,
Ӯ мехӯрад хун.

Халқи бенаво,
Хору зор гашта.
Рӯзи равшанаш,
Шоми тор гашта.

Бе хонаву ҷо,
Бувад дар ба дар.
Дар кӯчаҳо хоб,
Ба чашмони тар.

На хӯрду хӯрок,
На сару либос.
На ба зери по,
Як пора палос.

Тифлон аз мактаб,

Гардида маҳрум.
Ҳуқуқ надоранд,
Бар як табассум.

Ки оташи ҷанг,
Аланга дорад.
Тир ҳамчун жола,
Аз сар меборад.

Шер, мегӯяд, шер,
Агарчи мода.
Ӯ бо сарбозон,
Як саф истода.

Дар дасташ туфанг,
Дар ҳифзи кишвар.
Ҷонбозӣ дорад,
Ҳамчу диловар.

Поёни шаби
Сияҳ сафед аст.
Дунё, мегӯянд,
Пур аз умедаст.

Рӯзе мерасад,
Хуршеди тобон,
Дар ватани ӯ,

Мешавад рахшон.

Сулҳу амонӣ,
Гашта барқарор,
Харобаҳояш
Мешавад гулзор.

Нафас мекашад,
Халқи ӯ озод.
Расво мешавад,
Хасми бадбунёд!

# ШОХШИҒЕЛ

## ДАРЁИ ПАНҶ

Панҷ, эй дарёи пуртуғёни ман,
Акси дилҷӯи ту дар чашмони ман.
Мекунам монанди гулмоҳӣ шино,
Ман ба обат чун ба шири ҷони ман.

## ДУХТАРИ ДАРВОЗ

Аё, эй духтари гулрӯи Дарвоз,
Лабат лаълу даҳонат ғунчаи роз.
Туро дидам инонам аз кафам рафт,
Ба ман кай мешавӣ ҷонона дамсоз?

## ДИЛАМ

Олами афсонаро монад дилам,
Хандаи ҷононаро монад дилам.
Аз фироқи дилбари номеҳрубон,
Мурғаки белонаро монад дилам.

## БАРОИ МУСТАҚИМ

Яке аз дӯстонам Мустақим аст,
Фурӯтан, маҳфилоройю ҳалим аст.
Зи шеъри оташин гулбоғи умраш,
Чу дастархони пурнозу наим аст.

## МУАММОИ ЗИНДАГӢ

Бувад ҳамчун муаммо ин замона.
Ба дунё кас намонад ҷовидона,
Агар шоҳӣ вагар бошӣ гадое,
Аҷал месозадат охир нишона.

## ҒУНЧАҲОИ ОРЗУ

Ғунчаҳои орзуям бешумор,
Мекунад гул дар баҳори зиндагӣ.
Ин дили ман эмин аз хавфу хатар,
Ҷой дорад дар канори зиндагӣ.

## БАРОИ ҶӮРАБЕК

Ҳар гаҳ ба гӯши ман расад овози Ҷӯрабек,
Табъам чу ғунча гул кунад аз сози Ҷӯрабек.
Нохун занад ба торашу хонад агар суруд,
Ҷӯшад дилам чу чашма зи «Шаҳноз»-и Ҷӯрабек.

## НИҲОЛИ НАВБАР

Одамӣ ҳамчун ниҳоли навбар аст,
Дар нигоҳаш ҷилваи баҳру бар аст.
Васфи ӯ андар китоби зиндагӣ,
Сабти ҷовидона бо хатти зар аст.

## МОДАР

Модари ман аз ҳама зебо бувад,
Меҳри покаш дар дили ман ҷо бувад.
Дар муҳаббат, дар садоқат беназир,
Ахтари бахти раҳи фардо бувад.

## ЗАБОНИ МО

Забони мо забони модарон аст,

Зи халқи сарбаланди мо нишон аст.
Забони бас гуворову қадимӣ,
Ҳамеша меҳри он дар ҷисму ҷон аст.

## РАНҶУ ОЗОРИ СУХАН

Гаштаам баски гирифтори сухан,
Дидаам ман ранҷу озори сухан.
То даме ки зинда ҳастам, дар ҷаҳон,
Мекашам бо ҷону дил бори сухан.

## БА ҲАМЯРОҚАМ

Ҳар ду аз зиндагӣ сарафрозем,
Ҳамдилу боирода, сарбозем.
Дар дифои Ватан зи душманҳо,
Мо сари сабзи хеш мебозем.

# ОБШОРИ ТИЛОӢ

## ТОҶИКИСТОН ИФТИХОРАМ
(Суруд)

Бо шукӯҳи кӯҳсорон,
Бо навои обшорон,
Бо ҳавои баъди борон,
Тоҷикистон ифтихорам,
Ҳастию зӯру мадорам.

Модари ҷонофарин аст,
Ҷаннати рӯи замин аст,
Бар дилу бар ҷон қарин аст,
Тоҷикистон ифтихорам,
Ҳастию зӯру мадорам.

Номи некаш бар забонам,
Боиси табъи равонам,
Шоҳбайти достонам,
Тоҷикистон ифтихорам,
Ҳастию зӯру мадорам.

## БУХОРОИ ШАРИФ

(Суруд)

Бухорои шарифи ман,
Куҳаншаҳри зарифи ман.
Туӣ гаҳвораи иқбол,
Гулафшону латифи ман.

Макони илму ирфонӣ,
Қадамгоҳи бузургонӣ.
Чу қандиле ба давронҳо
Зиёбахшу сарафшонӣ.

Бухорои шарифи ман,
Куҳаншаҳри зарифи ман.
Туӣ гаҳвораи иқбол,
Гулафшону латифи ман.

## ОБИ ТОЗА
(Суруд)

Оби тоза ҳамчу ҷонӣ,
Файзбахши хонадонӣ.
Сарнавишти умри инсон,
Акси дилҷӯи замонӣ.
Оби тоза,
Оби тоза!

Ибтидоят чашмасор аст,
Барфҳои кӯҳсор аст.
Интиҳоят баҳру дарё,
Наҳрҳои бекарон аст.
Оби тоза,
Оби тоза!

Даштҳо гулзор аз ту,
Нахлҳо пурбор аз ту.
Ёлаҳо дар ҷӯши лола,
Меваҳо хушбор аз ту.
Оби тоза,
Оби тоза!

Мо ки халқи гулпарастем,
Ҳастии худ бар ту бастем.
Ҷомҳоро карда лабрез,

Ташнагӣ аз ту шикастем.
Оби тоза,
Оби тоза!

Зиндагӣ аз қатраҳоят,
Қатраҳои ҷонфизоят.
Доимо мегардад эҳё
Оламу одам фидоят.
Оби тоза,
Оби тоза!

## ТОҶИКДУХТАРОН
(Суруд)

Шӯху таннозед, тоҷикдухтарон,
Маҳрами розед, тоҷикдухтарон.

Мӯй мушкин, чашм шаҳло, қад чу сарв,
Бас хушовозед, тоҷикдухтарон.

Модари мушфиқ, чароғи хонадон,
Дидаи бозед, тоҷикдухтарон.

Дар фазои зиндагии беғубор,
Ҳамчу шаҳбозед, тоҷикдухтарон.

Дар дифои Тоҷикистони азиз,
Мисли сарбозед, тоҷикдухтарон.

## ГУЛТАБАССУМ
(Суруд)

Қимати гулро рухат бишкаста аст,
Қоматат монанди райҳондаста аст.

Зулфи печони сиёҳат анбарин,
Лаъли ту ҳалвои мағзи писта аст.

Кай ту бар ман лутфу эҳсон мекунӣ,
Гултабассум карда меҳмон мекунӣ?!

Бе ту шабҳо то саҳар бехоб ман,
Ҳамчу мавҷи баҳру чун симоб ман.

Эй табиби ошиқи шайдо биё,
Дар фироқат хаставу бетоб ман.

Кай ту бар ман лутфу эҳсон мекунӣ,
Гултабассум карда меҳмон мекунӣ?!

## МАҲПАЙКАРИ КӮЛОБӢ
(Суруд)

Маҳпайкари кӯлобӣ,
Ҳамчун гули маҳтобӣ.
Дар байни парируӯён,
Чун гаҳвари ноёбӣ.

Бо қомати раъноят,
Бо наргиси шаҳлоят.
Лаъли ҷигарам гул кард
Аз лаъли шакархоят.

Дар аҳду вафо тоқӣ,
Бо лафзи чу қаймоқӣ.
Ман аз ту нагардам дур,
То умр бувад боқӣ.

# ОТАШНИШОНОН
(Суруд)

Мардони оқил,
Мардони доно.

Бар хизмати халқ,
Зӯру тавоно.

Оташнишонон,
Оташнишонон.

Ҳар субҳу ҳар шом,
Монанди афсар,

Омода ҳастанд,
Бар ҳифзи кишвар.

Оташнишонон,
Оташнишонон.

## ҶОНОНАИ МАСЧОҲӢ
(Суруд)

Бар лаъли сухандонат,
Бар шӯълаи чашмонат,
Бар шаддаи дандонат,
Ҷону дили ман қурбон,
Ҷононаи масчоҳӣ.

Бар лаҳни шакархоят,
Бар хандаи зебоят.
Бар қомати раъноят,
Ҷону дили ман қурбон,
Ҷононаи масчоҳӣ.

Чун ғунчаи хандон бош,
Гулханда зи лабҳо пош.
Зебандаи даврон бош,
Ҷону дили ман қурбон,
Ҷононаи масчоҳӣ.

Ду рӯи ту қаймоқӣ,
Дар аҳду вафо тоқӣ.
То умр бувад боқӣ,
Ҷону дили ман қурбон,
Ҷононаи масчоҳӣ.

## ГУЛДУХТАРАКИ РОҒӢ[1]
(Суруд)

Эй сарвинози Роғӣ,
Малҳам ба қалби доғӣ.
Дар ҳусну дар латофат,
Монанди шабчароғӣ.

Лаъли лабат набот аст,
Сарчашмаи ҳаёт аст,
Як бӯса деҳ аз он лаб
Ҳусни туро закот аст.

Ҷоно бо як баҳона,
Боре биё ба хона,
Бар мурғи табъи ман шуд,
Холи лаби ту дона…

Эй сарвинози Роғӣ,
Малҳам ба дарди доғӣ.
Дар хонаи дили ман
Монанди шабчароғӣ.

---

[1] Роғ – деҳае дар кӯҳистони Масчоҳ

## ЭЙ ГУЛ

Ту яктои манӣ, эй гул,
Дилорои манӣ, эй гул,
Таманнои манӣ, эй гул,
Биё, дар хона меҳмон шав!

Ба дил ишқи ту сӯзон аст,
Ба ёдат сина бирён аст,
Ба роҳат дида гирён аст,
Ба дарди хаста дармон шав!

Вафо кардам, ҷафо кардӣ,
Ба ғамҳо мубтало кардӣ,
Маро обу адо кардӣ,
Паи иҷрои паймон шав!

# АШКИ СӮЗОН

## РУҶӮИ БОБО СОДИҚОВ

Натарсидам ман аз шамшери душман,
Маро харпанҷаи дунон адо кард.
Натарсидам ман аз шамшери душман,
Маро бӯҳтони номардон адо кард.

Натарсидам ман аз шамшери душман,
Барои бахти мардум кардаам ҷанг.
Ситонда ҷони душман бар кафи даст,
Ман аз хунаш заминро кардаам ранг.

Ба шоми тира қалбамро, азизон,
Гаҳе машъал, гаҳе истора кардам.
Ниқоби буздилони бешарафро,
Ба теғи ҳақшиносӣ пора кардам.

Аз ин рӯ аз барои пиру барно,
Қарину ҳамчу файзи хонадонам.
Ҷаҳон то ҷовидону зиндагӣ ҳаст,
Ба киштии адолат бодбонам!

# ВИДОИ ҚУТБӢ КИРОМ

Видо, эй дӯстон, бо қалби сӯзон аз ҷаҳон рафтам,
Ба мисли нахли гулафшон ба торочи хазон рафтам.

Барои халқи худ хизмат намудам аз дилу ҷонам,
Будам доим ба фармонаш, чу фарзанди замон рафтам.

Натарсидам зи найрангу зи макри душманони дун,
Ба мисли родмарди сарбаланди қаҳрамон рафтам.

Барои дӯстонам ҷону дилро ҳадя мекардам,
Дареғо ногаҳон аз сӯҳбати соҳибдилон рафтам.

Пас аз маргам ҳам, эй ёрон, маро бар ёди худ оред,
Ки аз дунёи фонӣ ногаҳон бар ҷовидон рафтам.

## ДАР МОТАМИ ЛОИҚ

Ҳазор афсӯс Лоиқ аз миён рафт,
Сухансанҷу сухандони замон рафт.

Дилам хун гашту чашмонам хунафшон,
Фиғонам аз замин то осмон рафт.

Ба табъи оташини оташафшон,
Шароре зери хокистар ниҳон рафт.

Ниҳоли шеъри гулафшон, сад афсӯс,
Шикаста бар кафи боди хазон рафт.

Ба мо ашъори рангин монда мерос,
Як ахтар аз самои тоҷикон рафт.

## ШАМЪИ ХОНАДОН РАФТ

*Ба ёди устод Р. Абдуллозода*

Шунидам ногаҳон ман шумхабарро,
Ки устоди азизам аз ҷаҳон рафт.

Гумон кардам, ки рӯзам тира гардид,
Фиғону нолаам то Каҳкашон рафт.

Равон шуд ашки ғам аз чашми гирён,
Мадор аз ҷисму нур аз дидагон рафт.

Забонам лол, пайкар гашт ҳайкал,
Чу аз мо фозили ширинзабон рафт.

Азизи мо буду устоди мо буд,
Равон аз ҷисми ҳар пиру ҷавон рафт.

## ВОСЕЪ

Синааш решу дилаш ғарқоби хун,
Дида ашки Гулузор.
Пой дар занҷиру дасташ баста буд.
Хастаҷону бемадор.

Лек ӯ бо ин ҳама ранҷу азоб,
Буд марди сарбаланд.
Фитнаю найранги золимпешаро,
Ӯ намекардӣ писанд.

З-ин сабаб Восеъ чу марди қаҳрамон,
Зинда асту ҷовидон!

## ҚИССАИ ЛАБҲОИ ДӮХТА

*Шоири инқилобии Эрон Фаррухии ЯЗДӢ вассофи озодӣ ва пуштибони халқи бенаво буд. Бо фармони ҳокими Язд Зайғамуддавла ӯро зиндон карда, лабҳояшро дӯхтанд. Вале шоир бо лабҳои дӯхта ҳам дар назди ҳоким сари таслим фурӯ наовард. Оқибат ӯро бо шиканҷа қатл карданд.*
*(Аз саҳифаҳои таърих)*

(Бо вазни ҳиҷоӣ)

Фаррухии Яздӣ,
Зодаи Эрон.
Зидди золимҳо,
Бардошт исён.

Кохи истибдод,
Шавад гуфт барбод.
Решаҳои зулм,
Хушку бебунёд.

То ки озодӣ,
Гулфишон бошад.
Халқи бенаво,

Дар амон бошад.

Ҳамдилӣ бошад,
Бародарӣ бошад.
Ошиқӣ бошад,
Баробарӣ бошад.

То нахонад шеър,
Васфи озодӣ,
Шоми ғам гардад,
Рӯзони шодӣ,

Шоирро дода,
Ранҷи беҳисоб.
Лабашро дӯхтанд,
Бо қину азоб.

Ӯ дар зиндон ҳам,
Назди душманҳо.
Ҳарфи ҳақ мегуфт,
Бо сари боло.

Ҷаҳли полисҳо,
Омада аз ин,
Бар сару рӯяш
Мезаданд қамчин.

Оқибат аз нав,
Ҳокими қаллоб.
Ба маъмуронаш,
Чунин зад хитоб:

--Кушед шоирро,
То халос гардам.
Марги ӯ бошад,
Малҳами дардам.

Шоирро кушта,
Зархаридонаш.
Доданд бар бод,
Умри ҷавонаш.

Ҳокими аблаҳ,
Ҳокими нокас.
Ба рӯи дарё,
Ҳамчу хору хас.

Марги шоирро,
Ба чашмаш дида,
Кафкӯбӣ мекард,
Қаҳ-қаҳ хандида.

Аз марги Яздӣ,
Шоири даврон,

Халқи меҳнаткаш,
Буд зору гирён.

Солҳои зиёд,
Гузашт аз миён.
Намонд аз ҳоким,
На ному нишон.

Гашта хору зор,
Ӯ оқибат мурд.
Шӯҳрати худро,
Ба гӯристон бурд.

Вале шоир шуд,
Рамзи озодӣ.
Ба дилҳо ҷо шуд,
Чун рамзи шодӣ.

Зинда бод, зинда,
Он марди майдон.
Меҳри поки ӯ,
Дар дилу дар ҷон.

Ҳаёт меравад,
Бо роҳи худ пеш.
Халқ мекунад фарқ,
Нӯшдору аз неш.

## ҚАНДИЛИ ҲАР ХОНА ТУ
*(Ёде аз Мавлоно Муқимӣ)*

*Гар зи Ҳинду Марв оям эътиборе доштам,*
*Ин бувад айбам Муқимӣ, зодаи Фарғона ман!*
*(Муқимӣ)*

Фахр месозем мо ки зодаи Фарғона ту,
Мондаӣ дар ошёни бахт акнун лона ту.

Шуд насибат обрӯю эътибори бекарон,
Аз ғаму аз ғуссаю аз сӯзи дил бегона ту.

Ин замон дар базму сӯҳбатҳои халқи номдор,
Гаштаӣ вирди забон, қандили ба ҳар як хона ту.

Ишқи сӯзонат миёни навҷавонон шӯъла зад,
Чун забони безабонӣ баҳри ҳар ҷонона ту.

Шеърҳои ҷовидонат бар ҳама пиру ҷавон,
Ҳамдаму ҳамроҳ гардиду чи хуш фарзона ту.

Васфат аз шавқи фузун дорад Назирӣ дар ғазал,
Гӯиё дар силки он гардидаи дурдона ту.

# СӮХ

Касе меҳмон шавад гар бар диёри Сӯх,[1]
Бубинад даштҳои зарнисори Сӯх.

Дилаш чун мавҷи дарёе ба ҷӯш ояд,
Аҷаб зебо бувад кунҷу канори Сӯх.

Ба боғистони он сайре агар созад,
Рабояд чашмро себу анори Сӯх.

Ба як дидан нашуд дилдодаву ошиқ,
Чи кас бар дилбарони гулхумори Сӯх?.

Ҷавононаш далеру сарбаланду зӯр,
Ба мисли Теша Одил[2] ифтихори Сӯх.

Тамоми одамонаш ошиқи меҳнат,
Намедонад хазонеро баҳори Сӯх.

---

[1] Ноҳияе дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.
[2] Теша Одил – Қаҳрамони ҶБВ Тешабой Одилов.

## ШАБНАМИ ЛУТФ

*Барои Ойдин Ҳоҷиева*

Ту устоди маро Мирзо-муаллим,
Бигуфтӣ духтари шӯхи Бухоро.

Зи шеъри оташину ганҷи маънӣ,
Худовандо, ҳамеша бош доро.

Ки то аз «Шабнам»-и лутфи ту доим,
Баҳори зиндагӣ дар ханда бошад.

Муборак, гуфта мавлудат Назирӣ,
Ба ашъори латифат банда бошад.

# ФАРЗАНДИ БУХОРО

*Барои Нишони Отамурод*

Агар савти Нишон ояд ба гӯшам,
Ба мисли чашмаи Айюб ҷӯшам.

Суруди ӯ ба дил бахшад ҳаловат,
Ба лаҳни нозуку ҳусну малоҳат.

Ки ӯ бар шеъри халқӣ ҷон ато кард,
Ба сӯзи сина бо созаш даво кард.

«Гияҳ»-ро гашт ҳомию нигаҳбон,
Бишуд бо «Нозанин»[1] пайванду дармон.

Ки ҳарду чун ду тори як рубобанд,
Ба монанди қиёми офтобанд.

Нишон монад, нишони худ ба дунё,
Чу фарзанди барӯманди Бухоро.

---

[1]«Гиёҳ» ва «Нозанин» -- номи дастаҳои ҳунарии Бухорои Шариф.

## ЗАРГАР

*Барои Гулчеҳра Ҷӯраева*

Заргари шеъри замонӣ,
Шоири ширинзабонӣ.
Соҳиби табъи равонӣ,
Нуктасанҷу нуктадонӣ.

Некфарзанди Бухоро,
Аз сухан ҳастӣ ту доро.
Нозанинию дилоро,
Чун чароғи хонадонӣ.

Бо асарҳои латифат,
Шеъри пурсӯзи зарифат.
Хулқи зебову маҳинат,
Мӯниси пиру ҷавонӣ.

Мушфиқу маҳбуби мой,
Дар дилу дар дида ҷой.
Хоҳамат, ки дер пой,
Зинда монӣ, ҷовидонӣ!

## УСТО ҶАҲОНОВ

*(Муаррихи мардумшинос)*

Муаррихи фарзона аст,
Аз води Фарғона аст.
Дар синаи Сӯхи қадим,
Чун гавҳари якдона аст.
Усто Ҷаҳонов,
Усто Ҷаҳонов.

Қалбаш ба мисли чашмасор,
Бекина асту беғубор,
Доим табассум дар лабаш,
Мизон чу гулҳои баҳор.
Усто Ҷаҳонов,
Усто Ҷаҳонов.

Аз баҳри шогирдон азиз,
Бо иффат асту бо тамиз.
Ҳар як ҳиҷои ҳарфи ӯ,
Чун шарбати хурмо лазиз.
Усто Ҷаҳонов,
Усто Ҷаҳонов.

Марди саховатпеша аст,
Бо лутфу бо андеша аст.
Бар нахли таърихи қадим,

Аз боғбонӣ пеша аст.
Усто Ҷаҳонов,
Усто Ҷаҳонов.

## БАРОИ БОБОМУРОД ҲАМДАМОВ

Ҳофизи мумтоз Бобои Мурод,
Сомеонро мекунӣ доим ту шод.

Аз муҳаббат ҳарфи сӯзон мезанӣ,
Оташе андар дилу ҷон мезанӣ.

Гоҳ мехонӣ «Гузал Фарғона»-ро,
Гоҳ васфи турраи ҷононаро.

Гоҳ орӣ «Майда-майда» бар забон,
Мекунад аз он ҳаловат ҷисму ҷон.

Кас зи овози ту роҳат мекунад,
Нашъа бурда истироҳат мекунад.

## ШАБҲОИ ҚИРҒИЗИСТОН

Шабҳои Қирғизистон,
Дилро барад зи сина.
Насими форами он,
Шӯяд зи сина кина.

Мавҷи чароғҳояш,
Бар дур нур пошад.
Ҳар қуллаи Алотов,
Бар моҳ зина бошад.

Форам ба гӯш ояд,
Овози Ҳафтрӯдаш.
Дарёи Ҷӯ кунад шод,
Бо дилнишин сурудаш.

Гулбоғу кӯчаҳояш,
Аз баҳри сайр боб аст.
Васфаш агар намоям,
Арзанда як китоб аст.

## АНДАРАК[1]

Меҳмон шудам дар Андарак,
Пешам баромад духтарак.
Буд дар кафаш нону намак,
Гуфто: --Биёед, марҳабо!

Чун ӯ ба ман наззора кард,
Наззорааш дил пора кард.
Бар дарди ҳиҷрон чора кард,
Гуфто: -- Биёед, марҳабо!

Гуфтам чӣ хуш меҳмон шудам,
Дидам туро хандон шудам.
Ту тан шудӣ, ман ҷон шудам,
Гуфто: -- Биёед, марҳабо!

---

[1] Андарак-деҳае дар ноҳияи Лаклак

## РУҶӮИ МАДИНА[1] БА ШЕЪР

Нармтар аз парниёну сахт аз хоро туӣ,
Кони ганҷу кони гавҳар, нуқраву тилло туӣ.
Бахти ман, иқболи ман, ду дидаи бино туӣ,
Ҳамнишину сӯҳбаторо бар мани танҳо туӣ.

Бо хаёлат мавҷосо беқарорӣ мекунам,
Бо парии назми шево дӯстдорӣ мекунам.
Дар раҳат ду дида чору интизорӣ мекунам,
Оташи сӯзону мавҷи шӯхи Ҷӯдарё туӣ.

Гар намоям хизмати арзанда баҳри кишварам,
Шод гашта мерасад аз фахр бар гардун сарам.
Меҳри ту ҷо шуд ба қалби ман ба шири модарам,
Дар гулистони ҳаёти ман гули раъно туӣ!

[1] Мадина – шоираи қирғиз

## ҶАБРУ ҶАФО МАКУН

*Барои Хоннигоҳ*

Ҷоно ба ҷони хастаам ҷафо макун,
Қалби маро ба ғуссаву ғам мубтало макун.
Ман сӯхтам дар оташи ишқат чу чӯби тар,
Хокистари маро ту ба боди фано макун.
Аз фурқату фироқи ту ҷонам ба лаб расид,
Бар ҷои нимнигоҳ ту чашмат ало макун.
Кардаст танг роҳи маро хасми нобакор,
Бар душманони ман нигаҳи дилрабо макун.
То зиндаам дар аҳду вафои ту содиқам,
Дасти маро зи домани ишқат ҷудо макун.

## БА КӮҲҲОИ ТИЁНШОН

Аё, эй кӯҳҳои сар ба гардун!
Шуморо дӯст медорам чу фарзанд.
Маро ҳусни шумо бинмуд мафтун,
Хаёли ман ҳамеша бар шумо банд.

Ба қалби покатон чун дурри ғалтон,
Чӣ хуш, ки нуқраву тилло ниҳон аст.
Ҳазорон чашмаҳои шӯхи ҷӯшон,
Паропар карда ҳар сӯе равон аст.

Аз он дашту даман гардида гулпӯш,
Замини босаховат ганҷбор аст.
Шуморо ман намесозам фаромӯш,
Ки шеърам бар шумо чун ёдгор аст!

# ШОХҶОРӮБ
## *(Ҳаҷв)*

АМАКАМ
/Хиргоҳии додарзодаи эркатулфор/

Дӯстон, ман бишнавам обу адои амакам,
Ҷону дилро бикунам садқа барои амакам.
Чунки аз марҳаматаш соҳиби мансаб шудаам,
Рақс месозам аз ин рӯ ба ҳавои амакам.
Ҳар гаҳе лой кунам обу бигирам моҳӣ,
Мепазам ҷиз-ҷизи ҷиз баҳри давои амакам.
Ҳарчи ояд ба кафам арра кунам, ранда кунам,
То ки беҳтар бишавад кайфи сафои амакам.
Пӯсти макрам агар рафту яке чаппа шавад,
Мерасад то ба фалак гиряю вои амакам.

## АҲВОЛИ ХАЛҚ ХАРОБ АСТ
(ба вазни ҳиҷоӣ)

Садри савдо Ҷӯра шуд,
Нахли мурод ғӯра шуд.
Ҳосили киштаи мо,
Ба ҷои гул шӯра шуд.

Ӯ бо даҳони возаш,
Карда баланд овозаш.
Ба ҳар кас мезанад нӯл,
Бо минқори чу ғозаш.

Ҷӯраҳояш сафу ҷамъ,
Доим ба дардаш малҳам.
Ҳама соҳиби мансаб,
Ифтихораш дам ба дам.

Гаҳ Ваққосу гаҳ Лазиз,
Ҳам Сафои бетамиз.
Ба ӯ медиҳанд пора,
Чун Норбою Миразиз.

Моли камчин бе ҳой-ҳой,
Ҳамегардад обу лой.
Доим мисли бӯғурсоқ,
Ҳамёнаки Ҷӯрабой.

Аҳволи халқ хароб аст,
Дидаҳояш пуроб аст.
Аз ин рӯ пиру барно,
Аз Ҷӯрабой қимоб аст.

## АЙБ МЕҶӮЯД ҲАМ Ӯ АЗ РӮИ МОҲ

Ҷӯрае дорам, ки касбаш сартарош,
Резақад ҳасту ду чашмаш мисли мош.

Чун калӯши кӯҳнае ӯро даҳон,
Заҳр мепошад ба ҳар ҷо аз забон.

Кораш афтад рӯбаҳи маккор ӯ,
Мешавад дар гирди кас паргор ӯ.

Кори худро ҳар гаҳе буд мекунад,
Бесабаб пайваста ғут-ғут мекунад.

То бибуррад риштаи аҳду вафо,
Айб меҷӯяд ҳам ӯ аз рӯи моҳ.

## АЗ ТАЪНАИ БИСЁР МЕТАРСАМ

Ман аз лаъли лабони дилбари айёр метарсам,
Зи неши он забони чун забони мор метарсам.

Чунон ҳам рӯи худро додааст орову торо ӯ,
Аз абрӯи дами теғаш, ки пурозор, метарсам.

Ба болои сараш ӯ мӯи сунъиро ғарам кардаст,
Ман аз он лӯлаболиштони лаклакдор метарсам.

Мабодо гуфта монам, ин чӣ гап, харпанҷае созад,
Дамам андар дарун, аз таънаи бисёр метарсам.

Агар ҳарфе занам ӯ бар замин хам мекунад дасташ,
Аз ин рӯ доим аз попӯши каблукдор метарсам.

Агар гӯям, ки меҳнат кун, ду чашмашро ало созад,
Ба лаб мӯҳре зада аз ҳарфи оташбор метарсам.

Надорам тоқате бо ӯ кунам сайру саёҳатҳо,

Ки аз ҷерсу шифону атласи гулдор метарсам.

Ман аз байти тахаллус дӯстон худдорие дорам,
Ки дар васфи вай аз бинвиштани ашъор метарсам.

## АЗ АРАҚ
(Пушаймонии майпараст)

Дӯстон, ҳастам пушаймон аз арақ,
Гаштаам маҷрӯҳу камҷон аз арақ.

Ҳар ки чун ман мешавад ошиқ ба он,
Мешавад сарсону ҳайрон аз арақ.

Рӯзи хуш ҳаргиз надида оқибат,
Ашк мерезад чу борон аз арақ.

Гашта ақлаш тираву чашмаш пуроб,
Дасту пояш ларз-ларзон аз арақ.

Тавба кардам ман, наменӯшам дигар,
З-ин сабаб ҳастам гурезон аз арақ.

## АЗ ОТАШИ ИШҚ ХАБАР НАДОРӢ
*(Дуэт)*

***Писар***:-- Эй ғунчадаҳони чеҳрахандон,
Як ханда кунам ба ман имо кун.
Бо қомати сарву зулфи печон,
Чашмак бизану карашмаҳо кун.

***Духтар***:-- Эй булҳаваси чу Мурғи Марҷон,
Аз оташи дил хабар надорӣ.
Қалби ту бувад ба мисли яхдон,
Дар синаи худ шарар надорӣ.

***Писар:***--Ман ошиқи зору боварам кун,
Дар оташи ишқи ту кабобам.
Ҷонам чу симобу чашм пурхун,
Бо ёди ту рӯзу шаб нахобам.

***Духтар:***--Он завҷаи ту ки буд Гуландом,
Бо каллакулӯлаҳо кучо шуд?
Маъшуқаи ту ки Дӯла буд ном,
Бо айби ту аз ту кай ҷудо шуд?

## БИПАРТО ОДАТИ ЗИШТАТ

Шудӣ берун зи маҳфилҳо,
Бимондӣ яккаву танҳо,
Ба ҳоли ту дилам сӯзад.

Зи пушти одати зиштат,
Надорад ҳосиле киштат,
Ба ҳоли ту дилам сӯзад.

Чаро иғво бувад корат,
Фақат ноодамон ёрат,
Ба ҳоли ту дилам сӯзад.

Дар ин даврони бехорам,
Зи хулқат шикваҳо дорам,
Ба ҳоли ту дилам сӯзад.

Агар хоҳӣ шавӣ одам,
Ба ҳар пиру ҷавон ҳамдам,
Бипарто одати зиштат,
Бипарто одати зиштат!

# БӮҲТОН МЕЗАНӢ

То ба кай виҷдони худро бар ҷиғилдон мезанӣ?
Ҳарфи ноҳақро зи Қуръону зи имон мезанӣ.

Бесабаб бар гардани сарвар гунаҳро карда бор,
Бар адолатпешагони давр бӯҳтон мезанӣ.

Хуни халқи бегунаҳ бар гардани ту бешараф,
Тағмаи маккорҳо бар рӯи даврон мезанӣ.

Боварӣ дорам ҳақиқат мешавад фирӯзманд,
Гарчи ҳоло фитнакориҳо дучандон мезанӣ.

Хонаат сӯзад худоё, нокаси рӯбаҳмиҷоз,
Бар дили садреши мардум теғи урён мезанӣ.

# БЕЗАРОФАТ

Зарифи безарофат ту,
Ки маҳрум аз назокат ту.
Надорӣ заррае виҷдон,
Касофат ту, касофат ту.

Фақат корат бувад найранг,
Ба як дам мешавӣ садранг.
Чу кӯлвори гадо чашмат,
Дилат сангу ҷулат аз санг.

Ту аз инсоф бегона,
Ба шамъи фитна парвона.
Ки ғореро ба мисли чуғз,
Ба худ бинмудаӣ лона.

Туро ман бешараф гӯям,
Бигардонам зи ту рӯям.
Ту хорию шавӣ гул ҳам,
Дигар ҳаргиз намебӯям!

## БЕОРАКАМ
*(Аз забони булҳавас)*

Ман ғуломи ҳалқабаргӯши туам, дилдоракам,
Лайлии ширинадою ҳамдаму ҳамкоракам.

Аз саҳар то шом ҳамчун соя тозам аз пасат,
Як нигоҳе кун ба сӯи ман, парирухсоракам.

Нозанинони зиёдеро ба дом афкандаам,
Лек бо ту бебароре аз куҷо шуд коракам?

Бар даҳони ғунчаву лаъли лабат ҷонам фидо,
Шав ту аз рӯи муҳаббат як нафас ғамхоракам.

Баъди он ки коми дилро ман ситонидам зи ту,
Дар ду дунё ҳам наёбӣ як нишонам, ёракам.

Ҳамчу ку-ку мепарам аз шох бар шохи дигар,
Чунки ман виҷдон надорам, бедилу беоракам.

## БАРОМАДАСТ БА ШАВҲАР

Чу мокуи бофанда,
Доимо Самад.
Ба китобхонаи шаҳр,
Рафта меомад.

Вале ваҳтои охир,
Намеравад он.
Аз ин рафтораш,
Гардидам ҳайрон.

Рӯзе гуфтам, ки Самад,
Чаро имрӯзҳо.
Ба китобхона камтар,
Дорӣ равуо?!

Гуфто:-- Мудираш Дилбар,
Баромадаст ба шавҳар.

# БО ДУ ПО БАР ДОМ МЕАФТАД

Обрӯи хешро чун оби ҷӯ кардам, нашуд,
Аз барои мансаби нав гуфтугӯ кардам, нашуд.
Бо хушомад назди садрам дуқату сеқат шудам,
Ҳиллаҳои нав ба навро ҷустуҷӯ кардам,
нашуд.

Гоҳ чун аспи ҷувозе давр гаштам аз сараш,
Баҳри парвози наваш, ҳатто шудам болу
параш.
Ихтиёрамро ба дасташ дода мондам рӯзу шаб,
Бодбезак гаҳ шудам, гоҳе шудам турми дараш.

Ӯ вале бо ман-манӣ бар рӯю мӯ чангам бизад,
Моҳи беайбе будам, бинмуд сияҳ, рангам
бизад.
Ҳосидона дидааш аз косаи чашмаш бурун,
Бесабаб бинед, ки дар кӯчаи тангам бизад.

## БЕАМАЛ

Ба дарси меҳнат,
Ӯ ҳаст муаллим.
Ба шогирдонаш,
Медиҳад таълим.

Меҳнат калидест,
Дар зиндагонӣ.
Дилаш бимонед,
Бо шодмонӣ.

Вале дар хона,
Завҷааш агар,
Коре фармояд,
Ба духтар, писар.

Гӯяд ба ҳамсар:
Мон дарс хонанд.
Ба чунин коре,
Фурсат надоранд.

## БА ТАНБАЛ

Меҳнати шоиста мекардӣ ба саҳро кошкӣ,
Шод мегардид аз ту пиру барно кошкӣ.
Мардум аз рафтори ту безор, медонӣ магар?
Заррае ғайрат ба ту мегашт пайдо кошкӣ.

Обрӯят байни мардум рехт як сар бар замин,
Пиру барно карда нафрат гуфта дар ҳаққат
чунин:
«Майпарасту танбалу номардию меҳнатгурез,
Бо чунин аҳволи худ ту нестӣ одам барин».

Ту аз ин гуфторҳо албатта ҳайрон мешавӣ,
Мегурезию ба ҳар мушхона пинҳон мешавӣ,
Ҳамчу кабки маст аз ин рафтор хандон
мешавӣ,
Нағз медонам, ки дар охир пушаймон мешавӣ.

## БА ШОИРИ ДАРБОРИ ШОҲ

*(Аз айёми гузашта)*

Дода виҷдонро ту бар боди фано,
Шоҳро тасвир кардӣ чун Худо.
Шеърҳо бинвиштаӣ дар ҳаққи ӯ,
То шавад боҳурмату бообрӯ.
Васф карда то само бардоштӣ,
Тухми меҳратро ба қалбаш коштӣ.
Давлатат гуфтӣ: «Шаҳо поянда бод,
Наҷми иқболат фақат рахшанда бод!»
Халқро аз ёди худ кардӣ бурун,
Гарчи ӯ аз дасти шаҳ мехӯрд хун.
Гарчи буд ранҷу азобаш беҳисоб,
Синааш ғирболу қалбаш чун кабоб.
Бин, ки баъди марги шоҳи тоҷдор,
Аз саробӯстон ту ҳам кардӣ фирор.
Радди мардум гашта бо дарду алам,
Хору зоре оқибат мурдӣ ту ҳам.
Ваҳ, чи акнун рафтаӣ аз ёдҳо,
Хоки қабри ту ба чанги бодҳо.
Номи ту якбора афтод аз даҳон,
Аз буду нобуди ту набвад нишон.

## БА ГИРДОБИ ХУРОФОТ ГАШТАӢ ҒАРҚ
(Ба Сумалакмахсуми донотарош)

*Ин қадар риш чӣ маъние дорад?*
*Ғайри ташвиш чӣ маъние дорад?*
*(Бедил)*

Ту рише мондаӣ, ки халқи гумроҳ,
Туро хонанд донишманду доно.
Ду каф дар пеши бар бинмуда таъзим,
Сифат орандату таъриф ҳар ҷо.

Ки ин марди хирадманди замона,
Сухансанҷу сухандони ягона.
Дилаш пок асту андомаш базеб аст,
Бигуфта дил диҳандат ҷовидона.

Валекин каллаат ҳамчун каду аст,
Ба дастат сабҳа доим мешавӣ маст.
Надорӣ заррае парво ба дунё,
Ки боло меравад обе ва ё паст.

Намесозӣ алифро аз асо фарқ,
Намедонӣ куҷо Ғарбу куҷо Шарқ.
Ту бо қалби сияҳ, мақсуди нопок,
Ба гирдоби хурофотат шуда ғарқ.

Ба мисли баққа вақ-вақ мекунӣ ту,
Ба мисли акка шақ-шақ мекунӣ ту.
Бидода майнаро афшонда бар даст,
Ҳаловат бурда пақ-пақ мекунӣ ту.

Фақат корат фиребу фитнакорӣ,
Ба мардум зеррае шафқат надорӣ.
Ба мисли рӯбаҳи маккори бедум,
Ҳамеша кору борат нобакорӣ.

Агар дар риш бошад ақли инсон,
Чи фарқе байни шаҳбузу ту, эшон?
Зи ту эй дилсиёҳи ришзамбал,
Гурезонам, гурезонам, гурезон!

# ВАРСОҚӢ МЕХОНАД
(Ба вазни ҳиҷоӣ)

Меҳмон ояд хушчақчақ,
Ширинзабон, меҳрубон.
Намуда ҳазлу шӯхӣ,
Мешавад гули хандон.

Меҳмон, ки аз остона
Поро ба берун монад.
Шақ-шақ карда чун акка,
Ӯ варсоқӣ мехонад.

Аз қошу аз қавоқаш,
Барфу борон меборад.
Завҷааш бо тарсу ваҳм,
Гиребонаш медорад.

## ВОЙ БА ҲОЛАМ
(Арзи дил аз ночорӣ, ба вазни ҳиҷоӣ)

Келин дорам бевиҷдон,
Дилаш ба мисли яхдон.
Ақидааш ҳам вайрон,
Вой ба ҳолам!

Фиребгару маккор аст,
Ба ҳар тӯҳмат тайёр аст.
Ба захми дил чу хор аст,
Вой ба ҳолам!

Доим карда баҳона,
Мегурезад аз хона,
Ҳам табар аст, ҳам фона,
Вой ба ҳолам!

Идора бар идора,
Бо иғвои бекора,
Метозад он айёра,
Вой ба ҳолам!

Завҷаам ба ин гаранг,
Доим асабаш таранг,
Аҳволаш хело ҳам танг,
Вой ба ҳолам!

Писаракам сарсон аст,
Оби чашмаш марҷон аст,
Ангушт ба лаб ҳайрон аст,
Вой ба ҳолам!

--Чӣ кор кунам надонам,
Ман сер шудам аз ҷонам,
Ҳайфи умри ҷавонам,
Вой ба ҳолам!

## ҒАММОЗ

Ту ҳастӣ нокасу ноодаму ноошно ғаммоз,
Ба гулзори муҳаббат ҳамчу хори пурҷафо
ғаммоз,
Надорӣ заррае виҷдону дарди бедаво ғаммоз,
Фақат кори ту иғво асту ҷангу моҷаро ғаммоз.

Ту бар курсии мансаб чаппа шишта ман-манӣ
дорӣ,
Ба мисли бақка вақ-вақ карда бас рӯинтанӣ
дорӣ.
Касе гар ҳарфи ҳақ гӯяд ту рӯю мӯканӣ дорӣ,
Ба сӯяш бо ҳасад аз доманат сангафганӣ дорӣ.

Касе виҷдони поке дораду гар кор медонад,
Ва фарқи ёларо аз қуллаи кӯҳсор медонад.
Гапи ҳаққу ҳақиқатро басе бисёр медонад,
Шунидан лофу қофатро барояш ор медонад.

Ҳама ҳарфу ҳиҷои ту чу кафки рӯи дарё беҳ,
Ниҳоли умри ту хушку гиёҳи дашту саҳро беҳ.
Забонат ғур-ғуру монанди моше чашми ту во
беҳ,
Сарат сар нею гӯё ин ки гирдобе ба дарё беҳ.

Бидон рӯзе фиребат халтаи садпора мегардад,

Зану фарзандҳоят бесару овора мегардад.
Насибат лаънати афзуну санги хора мегардад,
Ҳама андешаҳои ту фақат бекора мегардад.

## ҒУЛОМИ ҲИРСУ МАНСАБ

Даҳонат монанди ғор,
Дилат гӯри тангу тор.
Бешарафу бевиҷдон,
Беномусию беор.
Ғуломи ҳирсу мансаб.

Аз фазилат бехабар,
Тираақлу бебасар.
Дар зиндагӣ ҳастӣ ту,
Чун ниҳоли бесамар.
Ғуломи ҳирсу мансаб.

Ҳарчӣ хоҳӣ мегӯӣ,
Хоре чу гул мебӯӣ.
Дар замини шӯразор,
Замбурӯғӣ мерӯӣ.
Ғуломи ҳирсу мансаб.

Қаллобиат зоҳир шуд,
Умрат чи хуш охир шуд.
Ронда шудӣ аз мансаб,
Васфат ҳаҷви шоир шуд.
Ғуломи ҳирсу мансаб.

# ҒАЙРИ МАСТӢ КОРАМ НЕ

Ман Ҳодипиён ҳастам,
Қаллоби замон ҳастам.
Ки мегӯяд маро пир,
Ҳоло ман ҷавон ҳастам.

Қади маро ҳирси мол,
Хам кардааст мисли дол.
То ки ёбам пули муфт,
Доимо мебинам фол.

Маро дағал нагӯед,
Каллаат кал нагӯед.
Тундам мисли қаланфур,
Қанду асал нагӯед.

# КУҶО МЕРАВӢ?
(Арзи зан ба шавҳари гурезпо)

Шавҳари беор, куҷо меравӣ?
Ошиқи айёр, куҷо меравӣ?

Кокули манро, ки чу хоре будӣ?
Монда мани зор, куҷо меравӣ?

Баччаякон чашм ба роҳи туянд,
Марди дилозор, куҷо меравӣ?

Карда иваз ҷои иқоматгаҳат,
Рӯбаҳи маккор, куҷо меравӣ?

Ваъдаи ту дӯғи дурӯғе будаст,
Оилабезор, куҷо меравӣ?

## «ЛАЙЛИҶОН»

Аз боғчаи бачагон,
Сурудеро модарҷон,
Гирифта ёд омадам,
«Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлиҷон.
Маро куштӣ ба армон!»

Дадаҷони дилу ҷон,
Шудам ҳофизи хушхон.
Ба сози ман бидеҳ гӯш,
«Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлиҷон.
Маро куштӣ ба армон!»

Акаҷонам фардо ид,
Ба ман тӯҳфа биёред,
Бароятон мехонам,
«Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлиҷон.
Маро куштӣ ба армон!»

Мураббии меҳрубон,
Гуфто ба мо бачагон,
Канӣ баробар хонед,
«Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлиҷон.
Маро куштӣ ба армон!»

## МЕБАРАД БО ФИТНА ДИЛ

Орзу дар қалби худ бисёр дорад нохалаф,
Аз вафою аҳду паймон ор дорад нохалаф.

Моли мардумро чу аждар доимо дам
мекашад,
Ҳар куҷо рафтори маймунвор дорад нохалаф.

Мезанад истораро бе нардбон аз осмон,
Ҳиллаҳо чун рӯбаҳи маккор дорад нохалаф.

Ҳамнишину ҳамқадаҳҳоро диҳад доим фиреб,
Боз майли ҷӯраи пулдор дорад нохалаф.

Мекунад бо чашм бозӣ, мебарад бо фитна
дил,
Захм дар дилҳо ба мисли хор дорад нохалаф.

Ӯ зи роҳи одаму одамгарӣ бегона аст,
Заҳр бар мардум чу неши мор дорад нохалаф.

МОҶАРОИ ЗАНУ ШАВҲАР
(Бадеҳа)

Зан:-- Хез зи ҷо мардаки лаққинамо,
Баста миёнат сари саҳро баро.
Ганҷи гарон то ки диҳад меҳнатат,
Аз дилу ҷон кӯшишу ғайрат намо.

Мард:-- Ғунчадаҳон дилбари ҷонам туӣ,
Роҳати ин умри ҷавонам туӣ.
Раҳм ту бар ҳолаки зорам намо,
Ман касалу рӯҳи равонам туӣ.

Зан:-- Давраи мо зидди чунин нокасон,
Зидди фиребандаву ноодамон.
Шарм намо муфтхӯрӣ бас дигар,
Баҳри ҳаёти нави худ шав равон!

## НОНИ ҲАЛОЛЕ БИХӮР

Аз чӣ саворӣ ту ба аспи ғурур,
Медаравӣ хор зи рӯи шутур?!

Фахр кунӣ, кисаи ман пур зи пул,
Он пулат аз халқу туӣ кисабур.

Мезанӣ ту лоф, ки доно шудӣ,
Бехираду беҳунару бешуур,

Гар ту бавиҷдону ҳақиқатпараст,
Мард шаву нони ҳалоле бихӯр.

## НОМАРД

-- Ман мард—гуфта занро
Намемонад ба бозор.
Дастархон карда ӯро,
Мефиристад ба мазор.

-- Ман мард—гуфта духтар,
Дода ба як марди пир.
Мардум хандида гӯянд:
-- Сабат мону чӯҷа гир.

## ОБРӮЮ ЭЪТИБОРАТРО ЗИ ДАСТАТ ДОДАӢ

Хонаат сӯзад худоё, душмани бадкеши ман,
Мезанӣ ханҷар ҳамеша бар дили садреши ман.
Каллаи ҳамчун харатро эй зи дунё бехабар,
Меканад дасти ҳақиқат оқибат дар пеши ман.

Чунки ту бо буздилону нокасон ҳамдам шудӣ,
Баҳри мансаб назди онҳо бо тавозӯ хам шудӣ.
Зердастонро валекин дода пай дар пай азоб,
Аз шараф бегона гардидию ноодам шудӣ.

Ҳар касе, ки буд ҳақиқатҷӯ пайашро рӯфтӣ,
Чун гиёҳи хонасӯзак хонаашро сӯхтӣ.
Дасти ман боло бувад гуфтию ҳар ҷо нохалаф
Шод гашта дар сараш ҳар лаҳза ҳован кӯфтӣ.

Оқибат дидӣ, ба чоҳи кандаат афтодаӣ,
Обрӯю эътиборатро зи дастат додаӣ.
Мошосо назди қонун чашми худро карда во,
Дода тан бар қисматат, бар мурданат омодаӣ.

## СУННАТИ ПАЙҒАМБАРӢ

«Шоирӣ ҳам суннати пайғамбарӣ,
Ҷо шавад дар дил ба шири модарӣ.»

Аз чӣ онро дар тиҷорат монда ту,
Бо пули худ шӯҳраташро мехарӣ?!

Бо чунин бузбозию макру фиреб,
Кай шавад албастии фикрат парӣ.

Гар надлрӣ фикри олӣ бебақост,
Дар гулистони сухан гову харӣ.

Нағз медон, ки надорад ҳеҷ гоҳ,
Олами шеъри Аҷам савдогарӣ.

Дон, ки ин корат чу кафки рӯи об,
Бебақо асту чу боди сар-сарӣ.

## ТОЗАМ СӮИ ПУЛ
(Дарди дили пулпараст)

Ҳар гаҳе, ки дида монам рӯи пул,
Дил ба каф бигрифта тозам сӯи пул.

Дар тамоми корҳо мушкилкушо,
Рӯяки нуронии хушрӯи пул.

Душманамро ёри ҷонӣ мекунад,
Ҷилваҳои дилкашу дилҷӯи пул.

Санги хороро намояд мисли мум,
Накҳати ҷонофарини бӯи пул.

Кош гардад хона нови осиё,
Бигзарад аз ҳавлии ман ҷӯи пул.

То ки ҷайби бетагам лаб-лаб занад,
Ман шавам карнайнавози тӯи пул.

## ХЕЛЕ АЛАМ КАРД

Дар лаби анҳор,
Бачаи бисёр,
Бо сарфарозӣ,
Намуда бозӣ.
Хона меакарданд,
Боболохона.
Марде онро дид,
Оҳиста пурсид:
--Ин чӣ хел бино
Фаҳмонед Шумо?
Гуфтанд бачаҳо,
Дар колхози мо,
Баски боғча нест,
Бар мою зоча.
Онро худи мо,
Мекунем бино.
Роҳгузар аз ин,
Карда чин ҷабин,
Ангушт ба дандон,
Бурда шуд ҳайрон.
Чунки ба он мард,
Хеле алам кард.
Раис буд зеро
Худаш ба онҷо.

ШАРИКМУАЛЛИФ
(Аз Иван Черняев)

Занбӯри асал,
Ҳамроҳи магас.
Нависам асар,
Гуфта кард ҳавас.

Занбӯр шеъракро,
Менамуд зебо.
Магас саҳфаро,
Менамуд сиёҳ.

Хонанда хонда,
Асари онон.
Норозӣ гардид,
Аз муаллифон.

x x x

Мард:-- Дилро кабоб кардӣ,
Чашмам пуроб кардӣ.
Эй ёри нозанинам,
Ҷон дар азоб кардӣ.

Зан: -- Шому саҳар занӣ банг,
Корат фиребу найранг.
Кай мешавам ман озод,
Аз моҷарою аз ҷанг?

# ХАНДАРЕЗ
## (Эпиграммаҳо)

### ШАБНАМ МЕФУРӮШӢ

Даме, ки оби зам-зам мефурӯшӣ,
Чаро аз реҷааш кам мефурӯшӣ?
Бирезӣ қатраҳоро тарс-тарсон,
Гумон созам, ки шабнам мефурӯшӣ.

### КАМОЛИ ҲАМНИШИН

Кӯчаи мо лою нообод буд,
Хотири мо солҳо ношод буд.
Чун аз кӯча раис домод кард,
Дар ду-се ҳафта варо обод кард.

### ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

Биномаи мактаби мо,
То кай меёбад кашол?
Вазифаи хонагӣ

Ба роҳбарон ин савол.

## МУАЛЛИФИ МОДАРНОМА

Менависад ӯ ба васфи модарон доим асар,
Лек аз аҳволи зори модари худ бехабар.

## АҶАБ АСТ

Худ ҷавон риш вале як ваҷаб аст,
Ҳамчу ҷорӯб дарозу аҷаб аст.

## ЛОФЗАН

Кор кунад қил барин,
Нишон диҳад фил барин.

# ХӮСА
## *(Масалҳо)*

### АККА

Акка собуне бидуздиду ба дом афтод зуд,
Зоғу бозу саъбаву лочин варо карданд суд.
Гиря мекард акка, ки дуздӣ намесозад дигар,
Ман зи моли мардуми дунё ҳамесозад ҳазар.

Раҳмдилҳо бовараш карданду додандаш
ҷавоб,
То ки дар дунё кунад охир яке кори савоб.
Гашт озод аккаву аз нав ба дуздӣ сар намуд,
Рӯзу шаб бо қар-қари худ гӯши мардум кар
намуд.

Ҳукм агар қатъӣ набошад, кор расво мешавад,
Аккаҳои нав ба нав ҳар рӯз пайдо мешавад.

## БАҚҚА ВА САНГПУШТ

Рӯзе савол дод,
Бақка ба сангпушт.
Чаро хонаат,
Ҳамеша дар пушт?

Сангпушт дар ҷавоб,
Гуфто ҷӯраҷон.
Ин сирре дорад,
Ту фаҳмида мон.

Вақти набудан,
То ки мабодо.
Сӯхта намонад,
Хонаам ногоҳ.

БА ФИКРИ ХУРӮС
(Аз Сергей Смирнов)

Бигуфтанд: -- Эй хурӯс: Аз чӣ ҳамеша,
Намоӣ хониши беҳуда пеша.

Садоят манфиат бар кас наорад,
Ба гӯши одамон ҳаргиз нафорад.

Хурӯс он лаҳза мағрурона гуфто,
Назар карда ба сӯи пиру барно.

Ки: «Бе овози ман хуршеди тобон,
Намеояд бурун аз Шарқ, ёрон!»

## ДЕВОР

Рӯзе роҳгузар,
Хандид ба девор.

Ба гирди ҳавлӣ,
Ту худ чӣ даркор?!

Девор аз ҳасрат,
Гуфто:-- ба ёд дор,

Баъзе ҳавлиҳо,
Бетартиб бисёр.

Аз чашми инсон,
Месозам пинҳон.

## КАФЛЕСАК ВА ҚУРБОҚҚА

Кафлесак ба қурбоққа,
Гуфто як гап мегӯям.
Гӯшам надорӣ аз ту
Даст удилам мешӯям.

То ки мо аз зулми мор
Ҳамеша эмин бошем,
Ба дафъи ӯ якҷоя
Чу шоҳу фарзин бошем.

## МУРҒИ ДАКАНГ ВА БУЗИ ЛОҒАР

Як мурғи даканги пир,
Фарбеҳу ҷалоҷингир.

Гуфто ба бузи лоғар,
Аз гурбаи ту бадтар.

Зеро, ки харобӣ ту,
Ду дида пуробӣ ту.

Қувват ба ду поят нест,
Ё оғилу ҷоят нест?

Буз хандиду лаб во кард,
Сирри дилаш ифшо кард.

Гуфто мудири мо гар,
Гардад сари ту сарвар,

Ҳоли ту батар шавад,
Боли ту бепар шавад…

## НАМАТ ВА ҶОРӮБ

Намат ба ҷорӯб
Гуфто:-- камтар рӯб.

Маро мадеҳ ғам,
Ҳуснам макун кам.

То кай харошӣ,
То кай тарошӣ,

Ҷорӯб гум бод,
Дод аз дасташ, дод!

## ХУРӮС

Овози булбул хуб аст,
Форам астумағрур аст.

Овози ман вале нағз,
Ширин ба монанди мағз.

Хониши вай чирчиррак,
Чун садои фирфиррак.

# МОШМЕХ

## ЧИРКУ СОБУН

Чирке ба собун лаб кушод,
Гуфто ба ту меҳрам зиёд.
Шарташ ҳамин, ки дар миён,
Надҳад халал оби равон.

## РӮБОҲ

Ба зиёфат мурғеро
Рӯбаҳ хонд.
Аммо аз рӯи одат,
Хӯрда монд.

## НОРДБОН

Хислате дорад аҷоиб нордбон,
Мебарояд мефарояд кас ба он.
Худ валекин ҳамчу нахли бесамар,
На бубинад нафъу на орад самар.

## ҶАҲОНИ РӮБОҲ

Ҳама ҳусни ҷаҳонро рӯбаҳӣ шум,
Ҳамеша мекунад андоза бо дум.

# МУНДАРИҶА

Сохтан даркор

Наимҷон Назирӣ

# ЧАШМАИ МУРОД

*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш Р.Шералӣ
Муҳаррири техникӣ М.Саидова
Хуруфчини компутарӣ Ҳ.Ҷӯраева
Мусаҳҳеҳ И.Қосимов

Ба матбаа 19.08.2008 таҳвил гардид. Чопаш …. ба имзо расид. Андозаи 70x108 1/32. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4. Адади нашр 1000 нусха. Супориши №…..

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17 а.